# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи номзадии Ҷавҳарова Муҷибахон Одиловна дар мавзӯи «Юсуф ва Зулайхои Ховарии Шерозӣ ва муқоисаи он бо достони ҳамноми Абдураҳмони Ҷомӣ", барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01- Адабиёти тоҷик**

Диссертатсияи номзадии Ҷавҳарова Муҷибахон Одиловна ба мавзӯи муҳими илми адабиётшиносии классикӣ – муқоисаи достони "Юсуф ва Зулайхо"-и Ховарии Шерозӣ бо достони ҳамноми Абдураҳмони Ҷомӣ бахшида шудааст.

Ҷавҳарова Муҷибахон Одиловна хатмкардаи факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (1988-1993) буда, аз шогирдони фаъол ва лаёқатманд маҳсуб ёфта, дар таҳлил, таҳқиқ ва баррасии масъалаҳои адабиётшиносӣ, бахусус таҳлили қиёсии достонҳои "Юсуф ва Зулайхо лаёқати хоса зоҳир намудааст. Аз мухтавои мақолаҳо ва диссертатсияи илмии муаллиф пайдост, ки ӯ ҳунар ва тавоноии кор кардан бо сарчашмаву маъхазҳои илмиву адабиро дошта, метавонад аз он хулосаҳои дуруст ва воқеии илмиро пешниҳод намояд. Диссертант дар баррасии масъалаҳои таҳқиқ, мушаххас муайян намудани ҳадаф ва вазифаҳои пажӯҳишгар, меъёр ва усулҳои таҳқиқ дар диссертатсия, инчунин нуктаҳои асосӣ ва меҳварии масоили ба дифоъ пешниҳодшаванда маҳорат ва қудрати ҷудо намудани нуктаҳои асосии масъалаи таҳқиқро доро буда, метавонад аз маводи фаровони илмӣ зарурӣ ва муҳимро ҷудо намояд.

Маълум аст, ки қиссаи «Юсуф ва Зулайхо» яке аз беҳтарин ва муассиртарин қиссаҳо дар адабиёти олам маҳсуб мешавад. Воридшавии сюжети ин қисса ба адабиёти форсии тоҷикӣ тавассути китобҳои Қуръон, сӯраи 12- сӯраи «Юсуф» ва «Таърихи Табарӣ» ва «Тарҷумаи «Тафсири Табарӣ» ва дигар тафсирҳо оғоз гардидааст

Аз тарафи унвонҷӯй Ҷавҳарова М.О. бори нахуст масъалаҳои мухтаво, сохтор, сюжет, манбаъҳо, сарчашмҳои масеҳӣ ва исломии достонҳои «Юсуф ва Зулайхо»-и Ховарии Шерозӣ ва Абдураҳмони Ҷомӣ, ки аз достонҳои ҷаззобу дилнишин мебошанд, дар муқоиса омӯхта мешаванд. Ба тарзи муқоиса омӯхтан ва пажӯҳиш намудани достонҳо аз усули санҷидашуда ва меъёри хуби адабиётшиносӣ маҳсуб меёбад. Нуктаҳои дигаре, ки аҳамияти мавзӯи тадқиқшавандаро бозгӯӣ мекунанд, пажӯҳиши муқоисаи монандӣ ва фарқи достонҳо, таҳлили ғоявӣ ва образҳои марказии достонҳо ва таҳлили вежагиҳои услубӣ ва бадеии асарҳои ҳамном мебошад.

Унвонҷӯй ҳангоми баррасӣ оид ба хусусиятҳои мақоми ин қисса дар сарчашмаҳо, тафсирҳо, мавқеи он дар назми форсии тоҷикӣ, нусхашиносии достонҳои ҳамном, муқоисаи монандӣ ва фарқ дар мухтаво, устухонбандӣ, образофаринӣ, тасвирсозӣ, забону сабк,

истифодаи мунозира ва нома ҳамчун хатти ҳунарӣ ва махсусиятҳои дигари ин достонҳо бо як низоми муайян таҳлил мегарданд, ки дар адабиётшиносии тоҷик то ҳол ба таври тадқиқоти монографии алоҳида баррасӣ нашудаанд ва аз аҳамияти зиёди илмӣ бархурдоранд.

Арзиши назарӣ ва амалии диссертатсия аз он иборат аст, ки вобаста ба масъалаи мазкур, ки достонҳои ҳамном дар муқоиса таҳлил ва тадқиқ карда шуда, баъдан дар омӯзиши муқоисавии достонҳои ҳамном ҳунар ва қудрати эҷодии шоири ҷавобгӯянда муайян мегардад, ки то куҷо дар эҷоди достон муваффақ гардидааст. Ҳамчунин, ба достони ҳамном ҷавоб гуфтан маънои тақлиди маҳз нест ва пайравиву истиқболи эҷодкорона аст. Аҳамияти назарии тадқиқот муқоисаи достонҳои ҳамноми «Юсуф ва Зулайхо»-и Ховарии Шерозӣ ва Абдураҳмони Ҷомиро дар бар мегирад, ки як самти муҳими адабиётшиносӣ махсуб меёбад.

Натиҷаву хулосаҳои илмии ба дастомада метавонад ҳамчун маводи омӯзишӣ ҳангоми гузаронидани тадқиқоти илмӣ дар самти сарчашмашиносӣ, таърихи адабиёт, матншиносӣ, сабкшиносӣ, назарияи адабиёт, робитаҳои адабӣ ва таъсири Қуръон ба адабиёти форсии тоҷикӣ ва ғайра истифода шавад.

Диссертатсия дар заминаи усулҳои муқоисавӣ, усулҳои муқоисавии илмиву таърихӣ нигошта шуда, инчунин дар тадқиқот аз дастурҳои назарии донишмандони ватаниву хориҷӣ ва муҳаққиқони таърихи адабиёт ва назарияи он кор гирифта шудааст.

Навгониҳои диссертатсия дар он инъикос ёфтааст, ки дар диссертатсия нахустин бор достонҳои «Юсуф ва Зулайхо»-и Ховарии Шерозӣ ва Абдураҳмони Ҷомӣ ба шакли монографӣ мавриди омӯзиши ҳаматарафа қарор гирифтаанд. Таҳқиқоти мазкур кӯшиши нахустин дар мавриди таҳқиқи муқоисавии ду достони ҳамном мебошад

Дар боби аввали диссертатсия масъалаи муҳтаво, сохтор ва сюжети достонҳои«Юсуф ва Зулайхо»-и Ховарии Шерозӣ ва Абдураҳмони Ҷомӣ» мавриди пажӯҳишу баррасӣ қарор гирифтааст. Дар раванди пажӯҳиши боби мазкур ҳамчунин масоили манбаъ ва сарчашмаҳои масеҳии достонҳои «Юсуф ва Зулайхо»-и Ховарии Шерозӣ ва Абдураҳмони Ҷомӣ», манбаъ ва сарчашмаи исломии форсии тоҷикии достонҳои «Юсуф ва Зулайхо»-и Ховарии Шерозӣ ва Абдураҳмони Ҷомӣ», таҳлили достони «Юсуф ва Зулайхо»-и Ховарии Шерозӣ» ва баррасии достони «Юсуф ва Зулайхо»-и Абдураҳмони Ҷомӣ ба таҳқиқ гирифта шудаанд.

Боби дувуми диссертатсия "Таҳлили муқоисавии ғоя ва симоҳои марказии достонҳои "Юсуф ва Зулайхо"-и Ховарии Шерозӣ ва Абдураҳмони Ҷомӣ" номгузорӣ шудааст. Ин боб фаслҳои "Таҳлили ғоявии достонҳои Ховарии Шерозӣ ва Абдураҳмони Ҷомӣ", "Таҳлили симоҳои марказии достони Ховарии Шерозӣ", "Таҳлили симоҳои асосии достони Абдураҳмони Ҷомӣ", "Таҳқиқи қиёсии симоҳои марказии достонҳои Ховарии Шерозӣ ва Абдураҳмони Ҷомӣ" -ро дар бар мегирад. Дар ин боб ва қисматҳои он диссертант кӯшиш ба харҷ

додааст, ки масъалахои меҳварии рисола, яъне таҳлили муқоисавии симоҳои марказии дотонҳои ҳамномро ба пажӯҳиш гирифтааст.

Боби сеюми диссертатсия «Вежагиҳои услубӣ ва бадеии достонҳои «Юсуф ва Зулайхо»-и Ховарии Шерозӣ ва Абдураҳмони Ҷомӣ» унвон дошта, масъалаҳои муҳтаво ва устухонбандии достонҳои ҳамном ва монандиву фарқи онҳо, монандӣ ва фарқ дар чеҳраофаринӣ ва тасвирсозӣ, мавқеи хоб ва руъё дар достонҳои ҳамном, мавқеи мунозира дар достонҳои ҳамном, нома ҳамчун хатти ҳунарӣ дар достонҳои ҳамном, забон ва сабки достонҳои Ховарии Шерозӣ ва Абдураҳмони Ҷомӣ баррасӣ шудаанд.

Дессертант ба ҳадаф ва вазифаҳое, ки дар назди худ гузоштааст, дастрас гардидааст. Аз муҳтавои диссертатсия бармеояд, ки он бо сабку шеваи хуби илмӣ иншо шуда, дар мақолаҳои илмии инъикос гардидааст. Вобаста ба мавзӯъ аз тарафи унвонҷӯй 3 мақола чоп гардидааст, ки онҳо дар маҷаллаҳое, ки дар КОА ФР ва Тоҷикистон номнавис шудаанд, ба табъ расидаанд. Ҳамчунин натиҷаи тадқиқот дар конфронсҳои илмӣ ироа гардидаанд.

Диссертатсияи Ҷавҳарова Муҷибахон Одиловна дар мавзӯи «Юсуф ва Зулайхои Ховарии Шерозӣ ва муқоисаи он бо достони ҳамноми Абдураҳмони Ҷомӣ” кори ба анҷом расида буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст ва муаллифи он ба гирифтани унвони илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01- Адабиёти тоҷик шоиста аст.

**Доктори илмҳои филология, профессори кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ** **Худойдодов Аъзам Овлododович**

**Суроға:734035, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Х.Мирзоев 1, гузаргоҳи 3.**
**Тел: (992) 919328220**
**e-mail: khudoidodov1959@ mail.ru**

**Имзои профессор А. О. Худойдодовро тасдиқ мекунам**

**Сардори раёсати кадрҳои Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ** **Назаров Д. Қ.**

**23.06.2019**